## Тақриз

**Ба автореферати диссертатсияи Абдулқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи "Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои х-хv) "барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01–Адабиёти тоҷик.**

Дар боби 1-ум диссертатсия "Зиндагинома, ҷаҳонбинӣ ва мероси адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ", ки муаллиф онро ба 8 зерфасл дастабандӣ намуда, зиндагиномаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ, таҳсилот ва касби камоли Ҳусайн Воиз, ҷаҳонбинӣ: шахсияти эҷодӣ ва ҳувияти адабӣ, мероси илмию адабии Ҳусайн Воиз, таснифоти адабӣ, фаъолияти шоирии Кошифӣ, таълифоти илмии Ҳусайн Воиз, маълумот дар бораи "Равзат-уш-шуҳадо", асарҳои дар мавзӯи дигар навиштаи Ҳусайн Воиз китобҳои мансуб ба Кошифӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби 2-юми диссертатсия "Суннати тафсирнигорӣ ба Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ то замони Ҳусайн Воиз", ки аз чор фасл: шахсияти муфассир ва заминаҳои фикрии он, мафҳуми тафсир ва истилоҳоти қариб ба он, анвои тафасир, суннати тафсирнигорӣ то давраи Ҳусайн Воизи Кошифӣ иборат мебошад, чунонки аз унвонҳои он маълум мешавад, сухан дар атрофи тафсирнигорӣ меравад. Тафсирнигорӣ ба забони арабӣ аз замони оғози ваҳйи илоҳӣ оғоз шуда ва аввалин муфасисири каломи раббонӣ ҳазарати Муҳаммад (с) мебошанд. Инчунин баъд аз пайғамбар ба тафсири Қуръон хулафои рошиддин пардохтаанд ва пас аз онхо саҳобагоне чун: Ибни Аббос, Убайд ибни Каъб, Ибни Масъуд, Абдуллоҳ ибни Зубайр шурӯъ ба нигоштани тафсир кардаанд. Муаллифи диссертатсия тафсирҳоеро, ки то замони Ҳусайн Воиз омада расидааст, аз лиҳози ҳузури бевоситаи муаллифонашон ба ду даста: Тафсирҳое, ки дар асоси ривоятҳо гирд овардашудаанд. 2. Тафсирҳое, ки худи муфассирон таълиф намудаанд, ҷудо кардааст.

Дуюм, навиштани ҳошия ба китобҳои тафсир, ки ҳошиянависӣ навъе дигар аз тариқи тафсирнависӣ маҳсуб мешавад.

Боби 3-юми диссертатсия, ки “Арзишҳои илмию адабии “Тафсири Ҳусайнӣ”номгузорӣ шудааст, иборат аз чор фасл буда, мавзӯотеро аз қабили: нусхаҳои хаттӣ ва чопии “Мавоҳиби Алийя”, сарчашмашиносии “Тафсири Ҳусайнӣ”, арзиши илмию адабии “Тафсири Ҳусайнӣ” ва ҳамин фасл панҷ зерфасл (ашъори форсию арабӣ дар тафсир, истиқболи суханони арбоби таҳқиқ, истишҳод ба қасаси машҳури анбиё ва ҳикоёт, баҳрагирӣ аз гуфтаҳо ва андешаҳои орифону сӯфиёни машҳур, вижагиҳои сабки тарҷумаву тафсир иборат аст), пайравони Ҳусайн Воиз дар тафсирнигорӣ дарбар мегирад.

Хулосаи диссертатсия қобили таваҷҷуҳ буда, чун муҳтавои он ҳовии натиҷагириҳои муъҷазу мухтасари таҳқиқоти муаллиф мебошанд. Сарчашмаҳои истифодашуда ҳам, ки дар бар гирандаи манобеи муътамади илмӣ мебошанд, бо мавзӯъ ва муҳтавои таҳкикот мувофикат доранд.

1. Дар фишурда заҳмати исломшиносони дохилӣ ва хориҷӣ оид ба “Мавоҳиби Алийя” (“Тавсири Ҳусайнӣ”) ба маврид оварда шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф беҳтараш нуктаи кулминатсиони фикри муҳакиқонро гулчин карда дар доираи як “ибора ё ҷумла” дар фишурда ҷой медод ба манфиати кор буд.

2. Забони фишӯрда фаҳмо аст, аммо ҳолатҳое ба назар мерасад, ки ба забони илми зиёда аз ҳазор солаи тоҷики “зуран” тобишҳои арабӣ додани шудаанд: Мисол Тарасул (с. 10) , алкоб (с. 12), риҷоли (с. 12) тафаххус (с. 26) ва ғ.

3. Саҳеҳ аст, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ тарзи ҳикоябандӣ, забон ва услуби “Калила ва Димна”-и Абулмаолиро низ мувофики завки хонандагони забони хеш тағйир дод. Аз ин рӯ, “ Калила ва Димна” ба қалами Ҳусайн Воизи Кошифӣ, яке аз таҳрирҳои беҳтарин ва мукамалтаринест, ки аз ҷиҳати бадеият низ ба дараҷаи олии санъати суханварӣ анҷом гирифтааст, ки дар фишурдаи рисола зикр шудааст. Бо вуҷуди ин муаллифро лозим буд, ки баҳри баланд бардоштани ахлоки

наврасону ҷавонон матни “ Адаб бо ҳамсоягон”-ро ки фарогири 14-шарт аст хам дар фишурда ва ҳам дар рисола тафсир мекард ба назари ин ҷониб боиси баланд шудани қурби кори илмӣ мегардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар баробари муваффақиятҳо кори диссертанд аз камбудӣ ва норасоиҳои ҷузъӣ, ба монанди ҷой доштани ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ, орӣ нест. Вале ин гуна нуқсонҳо хеле кам буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии диссертатсияро паст карда наметавонад.

Автареферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ муҳтавои корро ба пуррагӣ инъикос намуда, мақолоти мунташирнамудаи муаллифи диссертатсия ба моҳияти он мутобиқат мекунанд.

Диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи “Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони тоҷикӣ (асрҳои x-xv)”барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01--Адабиёти тоҷик мебошад.

**Муқарриз: Ҳусейнзода Ф. –доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара** ________________

**Имзои муқарризи расмиро тасдиқ мекунам.**

**Сардори ШК Донишгоҳи давлатии Данғара ____________ Ҷаббори Н.**